Ба шурои
диссертатсионии 6D.КОА-004
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
дар суроғаи 734025, шаҳри Душанбе, кучаи
Буни Ҳисорак, шаҳраки донишҷӯён,
бинои таълимии №8

**ТАҚРИЗ**

вобаста ба автореферати диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло дар мавзуи «Нақши мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ дар ташаккули сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) пешниҳод шудааст.

Дар вазъи ҷаҳони имрӯза, бахусус тағйирёбии вазъи муносибатҳо байни кишварҳои ҷаҳон ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафи олии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, яъне баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегӣ нақши босазо дорад. Зеро маҳз тавассути пешбурди низоми дурусти банақшагирии стратегӣ метавон сари вақт ва сифатнок ба ҳадафҳои гузошташуда ноил гардид. Дар ин росто муҳиммият ва мубримияти таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф бебаҳс мебошад.

Тавре муаллиф қайд менамояд, рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ва таъмини босуботи он бевосита аз мавҷудияти низоми муосири банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст. Истифодаи пурраи иқтидорҳои мавҷуда, дар айни замон яке аз роҳҳои таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Барои муайян намудани иқтидорҳои дохилӣ ва дарёфти усулҳои истифодаи самараноки он баҳри суръатбахшии рушди иқтисодии кишвар ва таъмини сатҳи зиндагии шоистаи аҳолӣ мукаммалгардонии низоми банақшагирии стратегии рушди иҷтимоию иқтисодӣ хеле муҳим аст. Дар шароити имрӯза нокифоя будани механизмҳои татбиқи амалии банақшагирии стратегӣ ва таҳияи дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ба амалигардонии саривақтии ҳадафу афзалиятҳои стратегию барномавӣ ва дар маҷмӯъ ба рушди умумии иқтисодиёт таъсири манфӣ мерасонад (саҳ.3).

Муаллиф дар таҳқиқоти худ ақидаҳои илмии олимони класик ва ҷаҳонро ҳаматара мавриди омӯзиш қарор дода, мафҳуми муаллифии банақшагирии стратегиро пешниҳод намудааст, ки яке аз навгониҳои арзишманди таҳқиқоти анҷомдодашуда ба ҳисоб меравад.

Дигар навгонӣ ин дар заминаи омӯзиши назарияи олимони соҳа муаллиф модели низоми банақшагирии стратегии рушди иқтисоди миллиро барои Тоҷикистон аз нуқтаи назари комплексӣ таҳия намудааст.

Инчунин дар асоси истифода аз усули моделсозӣ дурнамои нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодии Тоҷикистон аз рӯи сенарияи воқеӣ, буҳронӣ ва шиддатнок таҳия карда шуда, шарҳ дода шудааст.

Дар маҷмуъ навгониҳои пешниҳодшуда аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ арзиши баланди илмӣ дошта, муаллиф тавонистаст, ки дар таҳқиқоти худ вазифаҳои гузошташударо ба таври мукаммал иҷро намояд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ нишон додааст, ки сохтори махсуси методологии банақшагирии стратегӣ дар сатҳи миллӣ вуҷуд надорад. Аммо, қоидаҳо, меъёрҳо ва усулҳое, ки барои таҳия ва татбиқи банақшагирии стратегии давлатӣ заруранд, муқаррар шудаанд. Меъёрҳои мавҷудбуда самти ҳаракатро муайян мекунанд, ки бо ин роҳ пайдарпаии раванд ва мақсаднокии ҳадафҳои стратегӣ таъмин мегарданд.

Хулоса ҳангоми таҳқиқоти худ муаллиф кӯшиш намудааст, ки ҳамаи паҳлуҳои низоми банақшагирии стратегиро ҳамчун нақши муҳими он дар рушди иқтисоди миллӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ҷиҳати мукаммалгардонии он тавсия ва пешниҳодҳои судманди худро манзур намояд.

Дар автореферати тақризшаванда бо назардошти тарафҳои мусбати он баъзе тавсияҳоро пешниҳод намудан мумкин аст.

1. Хуб мешуд агар муаллиф дар таҳқиқоти худ сифати иҷрои ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегиро дар кишвар мавриди омӯзиш қарор дода, мушкилоти ҷойдоштаро вобаста ба раванди татбиқи онҳо гурӯҳбандӣ мекард.

2. Ҳангоми таҳқиқоти ақидаи олимон оид ба мафҳуми банақшагирии стратегӣ беҳтар мешуд агар дар ҷадвали 1 давраҳои пешниҳоди мафҳумҳо қайд мегардид.

Камбудиҳаи қайдшуда ба сифати илмию назариявии диссертатсияи мазкур таъсир намерасонад ва характери тавсиявӣ дорад.

Таҳқиқоти анҷомдодашудаи муаллиф ба шиносномаи КОА

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) пурра мутобиқат мекунад.

Дар маҷмуъ таҳлил ва омӯзиши автореферати мазкур нишон дод, ки диссертатсияи Восидиён Фарҳод Саъдулло тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ихтисоси 08.00.01 – Назарияи иқтисодӣ (08.00.01.01 - Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ) омода шуда, муаллифи он сазовори унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи назарияи
иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳони
Донишгоҳи (Славянии) Россия
ва Тоҷикистон — Раҳматзода Ҳ.Б.

Имзои профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисодиёти ҷаҳон, д.и.и., Раҳматзода Ҳ.Б.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори Раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон — Раҳимов А.А.

«08» 05 2025 с.